**Тақризи**

**муқаррizi расмӣ ба рисолаи доктории Солеҳов Мирзо Одинаевич “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик. – Душанбе, 2020. – 335 с.**

Тасаввуф ва ирфон ҳамчун ҷараёни маънавӣ ва мафкуравӣ дар фарҳанги қадимию пурғановати форсии тоҷикӣ ба масобаи омили муҳими худогоҳию худшиносии инсон зуҳур намуда, дар тӯли қарнҳо ба тарбияи маънавӣ ва шаклгирии тафаккури миллӣ мусоидат намуд. Хоса, вуруди тасаввуф ба адабиёт, дар навбати худ, аз омилҳои муҳимми ривоҷи он ба ҳайси ҷараёни алоҳида ва мактаби ҷудогонаи фикрӣ гардид. Таъсир ва нуфузи тасаввуф дар адабиёт, ба майдон омадани шуарои сӯфию ориф ва ташаккулу ривоҷи адабиёти сӯфиёна дар таърихи адабиёти мо ба марҳалаи наве асос гузошт, ки он боиси равнақи бемисли шеъру адаби форсии тоҷикӣ гардид. Ин падида фалсафаи амалии адабиётро таҳкиму тақвияти бунёдӣ бахшид ва каломи шоиронаро ба маротиб муассиртар гардонид. Марҳалаи мазкури ривоҷи тасаввуф, тибқи эътирофи аглаби муҳаққиқон, ба фаъолияти адабию эҷодии Ҳаким Саноии Ғазнавӣ алоқаи бевосита дорад, саҳми ин шоири тавоно на танҳо дар офариниши осори тасаввуфӣ, балки нақши ӯ дар инкишофи анвои адабии ғиноӣ, осори эпикӣ ва ғановати мазмунии онҳо бузург аст. Маҳз Саноӣ ғазалро аз ишқҳои сода, қасидаро аз мадҳияҳои нолозим, маснавиро аз хайёлпардозиҳои романтикии дур аз воқеият раҳоӣ бахшид. Вай масъалаи ахлоқро дар меҳвари андешаи адабӣ гузошт, ки он ба таҳаввули мазмунии шеъри тасаввуфӣ дар қарнҳои баъдӣ мусоидат намуд. Ҳамаи ин проблемаҳое ҳастанд, ки дар адабиётшиносӣ ва ховаршиносии муосир ниёз ба таҳқиқотҳои муфассалу пурдомана доранд. Махсусан, дар замони мо, ки бисёре аз маҳдудиятҳои мафкуравӣ, хоса маҳдудиятҳои омӯзишӣ, ки дар мавриди адабиёти ирфонӣ буд, аз байн рафт ва фурсати таҳқиқи фарогири ин бахши адабиёт фароҳам омадааст.

Ба назари мо, ба миён омадани рисолаи доктории М. Солеҳов “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик” аз ҳамин воқеияти илмии замони мо сарчашма мегирад. Ҳадафи асосии муаллифи рисолаи мазкур муайян намудани нақши Саноии Ғазнавӣ дар ташаккул ва инкишофи назми ирфонии форсии тоҷикӣ, равшан кардани омилҳои таърихию фарҳангии зуҳури ин навъи шеър дар адабиёти форсии тоҷикӣ, нишон додани омилҳои мафкуравии ривоҷи назми ирфонӣ ва аносири жанрии он, нишон додани мақом ва ҷойгоҳи Ҳаким Саноии Ғазнавӣ дар инкишофи назми тасаввуфӣ мебошад. Чунонки муаллиф ишора мекунад, Саноӣ дар таҷрибаи эҷодии худ назарияи нодиру тафаккурсози маърифати каломи бадеиро бунёд гузошт, ки он на танҳо ба ташаккули назми тасаввуфӣ дар замони зиндагии худи шоир, балки ба адабиёти давраҳои баъдина ба

сурати куллӣ таъсир расонид. Дар рисолаи М. Солеҳов бори аввал оид ба навъи ноби сухани ҳунарӣ дар баёни андешаю афкори ирфонию тасаввуфӣ сухан меравад. Муаллиф бо такя ба таълифоти бунёдии донишмандони ғарбию шарқӣ ва бо истифода аз усулҳою равишҳои муосири таҳқиқи илмӣ масъалаи мавриди назарашро дар се боб ва фаслҳою зерфаслҳои ҷудогона баррасӣ менамояд.

Боби якуми рисола асосан ба масъалаҳои назарӣ ва амалии пайдоиш, ташаккул ва инкишофи назми тасаввуфӣ ихтисос дода шудааст. Дар фаслҳои якуму дуюми боби мазкур муаллиф таваҷҷуҳи аҳли назарро ба омилҳо ва пуштвонаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва мафкуравии зуҳури адабиёти ирфонӣ ҷалб мекунад. Вай дуруст таъкид менамояд, ки зуҳури ислом на танҳо фикру ақида, тафаккуру ҷаҳонбинии навро ба вуҷуд овард, балки иттиҳоду ҳамбастагии халқҳоро таъмин намуда, адолати иҷтимоиро устувор сохт. Дар рисола, тибқи назари муҳаққиқон панҷ сарчашмаи зуҳури тасаввуф нишон дода шудааст, ки ҳар яки он қобили андеша аст.

Дар фасли сеюми боби якум ва ду зерфасли он муаллиф масоили марбут ба зуҳури унсурҳои жанрии назми тасаввуфӣ ва оғози пайдоиши шеъри ирфониро дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба баррасӣ мегирад. Вай дуруст таъкид менамояд, ки дар ташаккули ҷунбиши сӯфия марказҳои фарҳангие, чун Басра, Бағдод, Ироқ ва ғайра дар ибтидо нақши калон гузоштанд. Ин ҷунбишҳо, дар навбати худ, тафаккурсоз ва андешасоз буданд. Баъдан ин наҳзат дар Хуросону Мовароуннаҳр ривоҷ ёфта, тадриҷан таъсири худро ба адабиёт гузошт. Далели ин рӯ овардани мутасаввифону орифон ба шеър ва каломи шоирона буд. Ба андешаи муҳаққиқ, каломи ҳунарӣ ё каломи шоирона, пеш аз ҳама барои баёни мақсаду изҳори матолиби ирфонӣ мувофиқ ва созгор буд.

Бояд гуфт, ки нахустин шеърҳои сӯфиёна ва аввалин шоирони сӯфӣ аз мардуми араб буд ва онҳо аз поягузорони шеъру адаби ирфонӣ маҳсуб мешаванд. Ин нукта дар рисола бо баррасии андешаҳои муҳаққиқони маъруфи адабиёти тасаввуфӣ асоснок карда мешавад. Бо вуҷуди ин, ҷиддитарин тозакориҳо, хусусан, дар дарунмоясозӣ, ки ҷаззобияту маҳбубияти каломро дар адабиёти ирфонӣ таъмин кардааст, ба шеъру адаби ирфонии форсӣ-тоҷикӣ мансуб аст. Дар рисола ин андеша тавассути баррасии нукоти муҳимме аз китоби “Мақомоти Шайх Абӯсаид” асоснок карда мешавад. Муҳаққиқ бо такя ба андешаҳои Е.Э. Бертелс ва Т. Бройн бори дигар собит менамояд, ки нахустин гӯяндаи шеъри ирфонии форсии тоҷикӣ Бобо Тоҳири Урён ва анвои аввалини ин навъи шеър рубоӣ ва дубайтӣ аст. Муҳаққиқ бо дарназардошти сарчашмаи фолклорӣ доштани рубоию дубайтӣ, нахустин намунаҳои назми ирфонии форсии тоҷикиро ҳам ба завқу хирад ва маънавиёти халқ алоқаманд менамояд, ки ин мантиқӣ ҳам мебошад.

Боби дуюми рисолаи М. Солеҳов асосан ба масоили марбут ба марҳалаҳои асосии ташаккули назми тасаввуфии форсии тоҷикӣ ихтисос дода шудааст. Дар фасли аввали ин боб муҳаққиқ ба хотири равшан кардани таърихи масъала ба собиқаи назми тасаввуфӣ то замони Ҳаким Саноӣ руҷӯи кӯтоҳе менамояд, ки он шинохти куллии масъалаи мавриди назари муҳаққиқро таъмин месозад. Вай таъкид менамояд, ки асрҳои VIII-1X дар таърихи тасаввуф даврони зуҳуру ташаккул буда, онро муҳаққиқон марҳалаи аввал номидаанд, ки онро марҳалаи амалӣ ҳам мегӯянд. Ин марҳала, тибқи ишораи М. Солеҳов, то оғози қарни 1X идома меёбад. Рӯ ба шеъру адабиёт овардани аҳли тасаввуф бештар аз оғози асри X сар мешавад.

Дар рисола дуруст таъкид мешавад, ки адабиёти мазҳабӣ, ки дар қарнҳои қаблӣ офарида шуда буд, дар давраҳои баъдӣ ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи идеявӣ барои рушду инкишофи шеъри ирфонии форсии тоҷикӣ хизмат намуд. Дар идомаи андешаронии худ муҳаққиқ сайри афкори адабии ирфониро дар осори Кисоии Марвазӣ, Носири Хусрав, Имом Ғаззолӣ ва дигарон баррасӣ намуда, саҳму нақши Бобо Тоҳири Урён, Бобо Афзал, Абӯсаиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансориро дар ривоҷи шеъри ирфонӣ ва анвои адабии он зикр менамояд.

Фасли дуюми боби дуюми рисола “Ташаккули адабиёти тасаввуфӣ дар эҷодиёти Ҳаким Саноӣ” унвон дошта, дар зерфасли он муҳаққиқ масъалаи инқилоби фикрӣ ва таъсири он дар шеъри Саноиро баррасӣ менамояд. Воқеан, ҷиддитарин падида дар ҳаёти маънавии ин орифи бузург рӯ овардани ӯ ба ирфон ва тасаввуф буд. Дар ин маврид муҳаққиқ нақлу ривоятҳои зиёдеро аз сарчашмаҳои адабӣ меорад, ки тибқи онҳо, Саноӣ дар синни сисолагӣ, баъди тағйироти рӯҳию равоние, ки дар ӯ рух медиҳад, комилан ба тасаввуф рӯ меорад ва то ба мартабаи орифи бузург дар шеъру адаби форсии тоҷикӣ мерасад. Дар масъалаи пири маънавии Саноӣ М. Солеҳов ақидаи Т. Бройнро дастгирӣ менамояд ва Саноиро пайраву муриди Юсуфи Ҳамадонӣ мешуморад. Дар мавриди инқилобии фикрии Саноӣ ва таъсири он ба эҷодиёташ муҳаққиқ чунин менигорад: “Инқилоби фикрии Ҳаким Саноӣ, гузашта аз таъсири мусбати он дар кори шоирии ӯ, ҳамоно марҳалаи тозаи маърифати аслшиносии миллат дар замони муайяни таърихист, ки таҷдиди назар ба тафаккурсозӣ, давронсозӣ ва дар ҳамин замина ба каломи ҳунарист, ки на танҳо бунёдан тағйир ёфт, балки як шакли хоси он дар ду навъи адабӣ: назм ва наср зуҳур кард, ки беқиёс буд”. Воқеан, таҳаввулоти фикрии Ҳаким Саноӣ шинохти инсон ва гиромидошти онро бунёдан дар андешаи ӯ тағйир дод. Ба осори адабии ӯ ҷилою тобиши ирфонию тасаввуфӣ ва маърифатӣ бахшид.

Дар зерфасли баъдӣ муҳаққиқ таъкид менамояд, ки Ҳаким Саноӣ на танҳо бунёдгузори назми тасаввуфӣ, балки нахустин шоири орифи навпардоз ва навгаро аст. Вай ҳам дар анвои хурди назми ирфонӣ ва ҳам дар эҷоди маснавии орифона аз ҷумлаи раҳкушоён ва пешгомони шеъри ирфонӣ аст.

тавачуҳ надоранд, балки ҳадафи аслии онон ботин ва ё сирати ашё ва ҳама гуна падидаю рухдодҳост. Онҳо ба ибораи дигар, дарунгароянд, на бурунгаро.

Дар фасли мазкур намунаҳои зиёди рубоӣ, ғазал, қитъа, қасида ва анвои дигари ашъори Саноӣ таҳлил мешавад ва муҳаққиқ навпардозиҳои шаклӣ ва мазмунии ин ашъорро ба таври мушаххас нишон медиҳад.

Саҳму нақши Саноӣ дар инкишофи назми тасаввуфӣ дар фасли сеюми боби сеюми рисола боз ҳам муфассалтар баррасӣ мегардад. Муаллиф муҳимтарин омилҳои инкишофи ҳунари шоирии Ҳаким Саноиро зикр намуда, таваҷҷуҳи аҳли назарро ба коргирии шоир аз зарфиятҳои забонӣ ҷалб мекунад. Шоир дарунмояи лафзу таъбири дунявиро дар матни ирфонӣ тағйир медиҳад, зарфияти маъноӣ ва ғунҷоиши мазмунии онро такмил медиҳад, ки ҳамаи инро, дар маҷмӯъ, метавон ҳунари суханварӣ ҳисобид.

Саноӣ ҳамчун шоири тавоно ва орифи бузург дар адабиёти ирфонии форсии тоҷикӣ тамоили тозаеро поягузорӣ намуд, ки онро баъдан шоирони зиёде идома дода, дар ривоҷи адабиёти ирфонӣ нақши калон гузоштанд. Ба таври куллӣ дар рисолаи мазкур нақш ва мақому ҷойгоҳи Ҳаким Саноӣ дар ташаккул ва инкишофи адабиёти тасаввуфӣ, анвои адабии он, ғановати шаклию мазмунии назми ирфонии форсии тоҷикӣ ба таври фарогир таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои муҳаққиқ бонизому мантиқӣ ва қобили эътимод мебошанд. Ҳар як фаслу зерфасли бобҳои рисола дорои натиҷагириҳои фарогир мебошад. Илова бар ин, хулосаи умумии тадқиқоти мазкур, ки дар шакли мушаххас дар охири рисола оварда мешавад, боварибахш ва қобили эътимод аст.

Бояд гуфт, ки дар рисолаи мавриди назар дар баробари муваффақиятҳои илмию пажӯҳишӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Дар муқаддимаи рисола муҳиммияти мавзӯъ ба таври умумӣ баён мешавад, ки он бояд мушаххастар мегардид.
2. Дар сарчашмаҳои таҳқиқ қариб ягон нусхаи хаттии девони шоир зикр намешавад. Муаллиф танҳо ба нусхаҳои чопии девони Саноӣ такя мекунад.
3. Дар бахши "Заминаҳои зуҳури назми тасаввуфӣ" муаллиф асосан ба маълумоте такя мекунад, ки дар китобҳои таърихи адабиёт ба такрор оварда шудаанд.
4. Дар баъзе саҳифаҳои рисола овардани иқтибосҳои тӯлонӣ (саҳ. 48, 49, 50, 51...) фикри муҳаққиқро норавшан сохтаанд.
5. Ҳам дар фасли дуюм ва ҳам дар зерфасли дуюми боби дуюми рисола сухан дар бораи нақш ва мақоми Саноӣ дар назми тасаввуфӣ меравад. Аз ин рӯ, ба ду бахш ҷудо кардани он зарурат надорад.

6. Ба назари мо, агар таъсири Саноӣ ба шоирони баъдӣ муфассалтар баррасӣ мегардид, арзиши илмии рисола боз ҳам меафзуд.

Камбудиҳои мазкур ҷузъию ислоҳшаванда буда, онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо кам намегардонанд.

Тадқиқоти М. Солеҳов рисолаи комилу бaанҷомрасида мебошад. Фишурда, мақолот ва дигар маводи ба нашр расида муҳтавои рисоларо ба пуррагӣ ифода мекунанд.

Муаллифи рисола сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**мудири кафедраи назария ва**
**таърихи адабиёти Донишгоҳи**
**давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Солеҳов Ш.**

**Имзои Ш.Солеҳовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Назаров Д.**
**E-mail: soleh59@mail.ru**
**тел:+992 987-65-00-43**